# PLITONIT ГидроСлой




**20 кг | 5 кг**

- ✓ **Адгезияи баланд бо асос**
- ✓ **Барои корҳои беруна ва даруна**
- ✓ **Устворӣ баланд ба тарқиш ва мустаҳкамӣ**
- ✓ **Индикатори молидан – чигарии хиштӣ**
- ✓ **Қулайии кор бо чӯтка ва навардча**

ПЛАТОНИТ

**ПРОФЕССИОНАЛ БУДАН ОСОН АСТ**

## Омехтаи хушки гидроизолятсионӣ дар асоси сементӣ барои корҳои беруна ва дохилӣ

Боргирии дастурамал дар забони дигар/
Download the manual in another language
kz | az | uz | tj | kg | tm | am | ge | mn

### Соҳаи татбиққунӣ

Маҳсулот барои ҳифзи гидроизолятсионӣ ва таъмири сохторҳои амудӣ ва уфуқӣ аз бетон, оҳану бетон, хишт аз таъсири обҳои грунтӣ, боронӣ ва муқовимат ба филтратсияи намӣ тавассути сохтор ҳангоми хизмат дар об таъин гардидааст. Рӯйпӯшкунии сахтро ҳосил мекунад ва барои гидроизолятсияи таҳхонаҳо, ошёнаҳои таҳхонавӣ, ҳуҷраҳои ванна, рӯйпӯши таги девор, гидроизолятсияи пойдевор ва биноҳои дигар, ки ба сарбориҳои шаклдигаркунанда гирифтор намебошанд, тавсия дода мешавад.
Маҳсулот иҷозатномаи маоқомоти ГСЭН баро алоқа бо оби нӯшокиро дорад.

| Намудҳои асос | Фарш / Деворҳо |
|---|---|
| Оҳан, оҳану бетон, блокҳои ҳуҷайрадор, хишт, лойи андова дар асоси сементӣ, фаршҳои рехташаванда дар асоси сементӣ | + |
| ГКЛ, ГВЛ, СМЛ | — |
| ЦСП, OSB, фанера | — |
| Асосҳои суст ва бӯршаванда | — |
| **Соҳаҳои татбиқ** | |
| Пешайвонҳо ва балконҳо | + |
| Унсурҳои биноҳо, ки дар поён аз сатҳи замин ҷойгиранд – пойдеворҳо, таҳхонаҳо ва монанди он. | + |
| Ҳавзҳои ҷамъшаванда ва монолитӣ, зарфҳо барои оби таъиноти хоҷагӣ бо чуқурии то 80 м | — |
| **Намудҳои қабатҳои баъдина** | **Фарш / Деворҳо** |
| Ширеҷ барои лавҳа ва керамогранит | + |
| Лойи андова дар асоси сement | + |
| Фаршҳои рехташаванда дар асоси сементӣ, гаҷӣ ё ки маҷмуавӣ | + |
| Истифодабарӣ бе ороиши баъдина (бе сарбориҳои механикӣ) | + |
| Ранг / гулкоғазҳо | — |
| Фаршҳои рехташаванда дар асоси эпоксидӣ | — |

### Омодакунии асос

Сатҳ бояд аз чанг, ифлосӣ, равғанҳо, чарбу, шири сементӣ ва заррачаҳои дигари монеъшаванда ба пайвастшавии мавод бо асос тоза карда шавад. Тарқишҳо, кафишҳо, ковокиҳо ва нобаробариҳои нӯгтези дигарро то молида шудани гидроизолятсияи полимерӣ бо ғӯрагаҷ, лойи андова ё ки таркиби таъмирӣ дар асоси семент, масалан, PLITONIT РемСостав пур карда шаванд.
То оғози корҳои асосӣ иҷрокунии андовакунии санҷишии (~1 м²) қитъаҳои нисбатан мураккабтари сатҳ дар ғавсии максималии қабат тавсия дода мешавад.

### Омодакунии омехтаи маҳлулӣ

**Барои омехтакунии омехтаи хушк обро аз обтаъминкунии нӯшокӣ истифода бурдан лозим аст. Таносуб ҳангоми омехтакунӣ: ба 1 кг омехтаи хушк 0,2-0,24 л об (4,0-4,8 л ба 20 кг: 1,0-1,2 л ба 5 кг)**

| | |
|---|---|
| 1 | Миқдори оби ҳарорати хонаро барои омехтакунии омехтаи хушк чен карда гиред **(барои кор бо чӯтка – 0,24 л об ба 1 кг; барои кор бо андоваи пӯлодин – 0,2 л об ба 1 кг)** |
| 2 | Омехтаи хушкро ба миқдори пешакӣ ченкардашуда андозед |
| 3 | Омехтаи хушк ва обро дар давоми 2-3 дақиқа бо ёрии миксери барқӣ ё ки пармаи барқӣ бо мулҳақа то ҳосил шудани консистенсияи якнамуда омехта кунед* |
| 4 | То таҳшиншавии маҳлул 5 дақиқа интизор шавед ва такроран омехта кунед |

** суръати даврзанӣ на бештар аз 600 гардиш/дақиқа.
Вақти истифодабарии омехтаи маҳлулии омода на бештар аз 45 дақиқа.

### Тартиби иҷрои корҳо

| | |
|---|---|
| 1 | Омехтаи маҳлулии омодаро бо шпател, келма ё ки чӯтка вобаста аз консистенсия молед. |
| ! | Корҳо оид ба молидани рӯйпӯшкунии гидроизолятсиониро муттасил, бе ҳосилкунии чокҳои сард бояд гузаронид. |
| ! | Ғавсии тавсиядодашудаи як қабати молидан: 2-5 мм |
| ! | Дар ҳолати танаффуси до 2 соат омехтаи молидашударо ба таври перпендикулярӣ ба сатҳ буред ва бо маводи нам пӯшида монед. |
| ! | Барои сохтори рӯйпӯши бисёрқабатаи гидроизолятсионӣ ҳар як қабати баъдинаро баъд аз сахтшавии пешинааш молед (тақрибан баъд аз 2-4 соат) |

**Омехтаи молидашудаи маҳлулиро аз хушкшавии аз ҳад зиёд бояд муҳофиза кард (таҳти таъсири нурҳои бевоситаи офтоб, шамол ва ғайра). Барои ин онро бо плёнкаи полиэтиленӣ ё ки фолга пӯшидан, дар давоми 3 шабонарӯз нам кардан мумкин аст.**

### Тавсифномаи техникӣ

| | |
|---|---|
| **Барои омехта дар ҳолати хушк** | |
| Калонии максималии пуркунанда | 0,63 мм |
| Хароҷоти об барои омехтакунӣ:<br>• ба 1 кг<br>• ба 5 кг<br>• ба халтаи 20 кг | <br>0,2-0,24 л<br>1,0 – 1,2 л<br>4,0-4,8 л |
| Хароҷоти омехта, ҳангоми ғавсии қабат 1 мм | 1,4-1,6 кг/м² |
| **Барои омехтаи ба татбиққунӣ омода** | |
| Вақти истифодабарии омехтаи маҳлулӣ | на бештар аз 45 дақиқа |
| Ҳаракатнокии омехтаи маҳлулӣ, Пк | на камтар аз Пк4 |
| **Барои маҳлули сахтшуда** | |
| Мустаҳкамӣ ба фишор баъд аз 2 шабонарӯз МПа | на кам аз 2 МПа |
| Мустаҳкамӣ ба фишор баъд аз 28 шабонарӯз МПа | на кам аз 35 МПа |
| Мустаҳкамии пайвастшавии маҳлул бо бетон баъд аз 28 шабонарӯз баъд аз:<br>– нигоҳдории хушк<br>– нигоҳдории тар | <br><br>на кам аз 1,5 МПа<br>на кам аз 1,5 МПа |
| Тамғаи маҳдуд аз рӯи тобоварӣ ба сармо | F100 |
| Тамға оид ба обногузарӣ ҳангоми фишори бевосита ва баръакси об | W6 |
| Ҳарорат ҳангоми истифодабарӣ | аз -20°C то +70°C |
| Алоқа бо оби нӯшокӣ | иҷозат дода шудааст |
| Фаъолнокии самаранокии нисбии радионуклидҳои табиӣ | на бештар аз 370 Бк/кг |

### Миқдори қабатҳои молиданӣ ва хароҷот

| Соҳаи татбиқ | Миқдори қабатҳо | Ғавсии умумии рӯйпӯшкунӣ, мм | Хароҷот, кг/м² |
|---|---|---|---|
| Фарш дар душхона/ҳуҷраи шустушӯ | 1 | 2 | 3,2 |
| Пешайвонҳо ва балконҳо | 1 | 2 | 3,2 |
| Пойдеворҳо, таҳхонаҳо ва монанди он | 1-2 | 3-5 | 3,2 - 6 |

**Шартҳои гузаронидани корҳо**
Ҳангоми гузаронидани корҳо ва дар давоми 3 шабонарӯз, ҳарорати ҳаво ва асос дар ҳудуди аз +10°С то +30°С бояд бошад. Ҳарорати омехтаи маҳлулӣ дар ҷараёни гузаронидани корҳо – аз +10°С то +30°С. Сатҳро ҳангоми гузаронидани корҳои берунӣ аз боришоти атмосферӣ ва нурҳои бевоситаи офтобӣ муҳофиза кардан лозим.

**Диққат**
Тавсифномаҳои нишондодашудаи муваққатӣ дар ҳарорати муҳити атроф 20±2°С, намии нисбии ҳаво 60±10% эътибор доранд, ва дар дигар шароити ҳароратӣ-намнокӣ тағйир ёфта метавонанд. Ҳангоми иҷроиши корҳо аз дастурамалҳо оид ба бурдани корҳои умумисохтмонӣ ва техникаи бехатарӣ дар сохтмон дастур бояд гирифт. Дар ҷараёни гузаронидани корҳо омехтаи маҳлулиро давра ба давра омехта кардан тавсия дода мешавад. Корҳои баъдинаи ороишӣ баъд аз назорати набудани камбудиҳои сатҳ ва филтратсияи об гузаронида шавад (тақрибан баъд аз 3 шабонарӯз). Дар ҳолати муайян гардидани камбудиҳо (ба қабатҳо ҷудо шудан, филтратсияи об) ин қитъаҳоро кушодан ва корҳоро такрор кардан лозим аст.

**Чораҳои эҳтиёт**
Мастика ба 4 дараҷаи хатарнокӣ (моддаҳои камхатар) тибқи СтД 12.1.007 мансуб аст

**Ҳангоми иҷроиши корҳо аз дастпӯшакҳо, айнаҳои муҳофизатӣ, воситаҳои ҳифзи аъзоҳои нафасгирӣ истифода баред**

**Расидани омехта ба пӯст ва чашмонро пешгирӣ кунед. Ҳангоми ба чашмон расидан дарҳол онҳоро бо миқдори зиёди об шӯед ва ба духтур муроҷиат кунед**

**АЗ КӮДАКОН ЭҲТИЁТ КУНЕД!**

**Таркиб**
Рег, портландсемент, иловаҳои модификатсиякунанда ва гидрофобизатсиякунанда, микронаххо.

**Ҳамлу нақл ва нигоҳдорӣ**
Омехта дар воситаҳои пӯшидаи нақлиётӣ тибқи қоидаҳои кашонидани борҳо ҳамлу нақл карда шавад. Лимчаҳо бо омехтаи хушк дар биноҳои пӯшидаи хушки таъминкунандаи маҳфузии бандубаст ва пешгирӣ аз намнокӣ нигоҳ дошта шаванд. Мӯҳлати нигоҳдорӣ дар тараи истеҳсолкунанда – 12 моҳ аз рӯзи истеҳсол.

**Кафолати истеҳсолкунанда**
Истеҳсолкунанда мутобиқати омехтаро ба талаботи СтД 31357 ва ШТ 23.64.10-105-51552155-2023 ҳангоми риоя карда шудани шартҳои ҳамлу нақл, нигоҳдорӣ ва нишондодҳои дастурамали мазкур аз ҷониби истеъмолкунанда кафолат медиҳад. Истеҳсолкунанда ҳангоми риоя накардан ба технологияи корҳо бо мавод, инчунин татбиқ гардидани он бо мақсад ва шартҳои бо дастурамали мазкур пешбининагардида ҷавобгарӣ надорад. Фарқият аз вазни холис тибқи СтД 8.579-2001. Маҳсулот барои истифодабарӣ дар ҳамаи намудҳои сохтмони граждани (Аэфф <370 Бк/кг; I дараҷаи маводҳо аз рӯи СанПиН 2.6.1.25.23-09 «Меъёрҳои бехатарии радиатсионӣ (НРБ 99/2009)» иҷозат дода шудааст.

**Маслиҳатҳои муҳим**
Барои гидроизолятсияи ҳавзҳо, чоҳҳо, таҳхонаҳо, зарфҳо бо об, объектҳои дигари гирифтор ба таъсири фишори баланди об, истифодабарии гидроизолятсияи чандири дукомпонентаи ПЛИТОНИТ Гидроэласт 2к-ро тавсия медиҳем. Барои офаридани гидроизолятсияи бечок таҳти рӯйкашкунӣ аз гидроизолятсияи полимерии PLITONIT ГидроЭласт истифода баред, он барои душхонаҳо, аз он ҷумла, бе тагмонак, ҳуҷраҳои ванна ва биноҳои дигари нам мутобиқ аст, барои гидроизолятсияи балкон истифода шуданаш мумкин аст.


**ХАДАМОТИ ДАСТГИРИИ ИСТЕЪМОЛКУНАНДАГОН**

8 (800) 555 - 71 - 67

www. plitonit.ru

e-mail: info@mc-bauchemie.ru